ВАЗОРАТИ ТАЪЛИМИ ОЛӢ ВА
МИЁНАИ МАХСУСИ
РЕСПУБЛИКАИ ЎЗБЕКИСТОН

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ САМАРҚАНД

Ба рўйхат гирифта шуд:
№ БД–60230100–2.04
«____»________соли 202__

“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”
Ректори ДДС Р.И.Халмурадов
________________
202__ йил “____”________

# ДАСТУРИ ТАЪЛИМӢ

аз фанни

# РОБИТАҲОИ АДАБӢ ВА НАЗАРИЯИ ТАРҶУМА

| | | |
|---|---|---|
| Соҳаи илм: | 200 000 | -Фанҳои гуманитарӣ ва санъат |
| Соҳаи таълим: | 230 000 | -Фанҳои гуманитарӣ |
| Шўъбаи таълим, ихтисос. | 60230100 | -филология ва омўзиши забонҳо (забони тоҷикӣ) |

Дастури таълимии фанни “Робитаҳои адабӣ ва назарияи тарҷума” дар асоси талаботи СДТ ва Талабҳои малака тартиб дода шудааст. Дастури таълимӣ барои донишҷӯёни курси сеюми равиши филология ва омӯзиши забонҳо: забони тоҷикӣ тайёр карда шудааст.

Дастури таълимии фан дар маҷлиси кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷа муҳокима карда шудааст ва барои муҳокима ба шӯрои илмӣ ва услубии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд тавсия карда шудааст. (________ соли 202__ баённомаи № __).

**Мудири кафедра ____________ проф. Ч.Ҳамроев**

Дастури таълимии фан дар шӯрои илмии факултети филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд муҳокима гардида, барои истифода пешниҳод карда шудааст. (______ соли 202_ баённомаи рақами № ___).

**Декани факултет ____________ проф. А.Пардаев**

Созиш карда шуд:

Проректори корҳои таълимӣ____________ **проф. А.Солеев**

| Фан/Коди модул AAVTT4006 (бакалавриат) | Соли хониши 202_-202_ | Семестри 7 | ECTS-Кредитҳо 6 |
|---|---|---|---|
| Фан/ **Намуди фан: Интихобӣ** | **Забони таълим** Тоҷикӣ | | **Соатҳои дарси ҳафтаина 7** |

| 1 | Номи фан | Машғулотҳои аудиторӣ (соат) | Таълими мустақил (соат) | Ҷамъи сарборӣ (соат) |
|---|---|---|---|---|
| | **Робитаҳои адабӣ ва назарияи тарҷума** | 105 | 75 | 180 |

2

**I. Мазмуни фан**

Дастури таълимӣ барои такмил ва инкишофи чараёни таълим дар мактабҳои таълими умумӣ, муассисаҳои таълимии миёнаи махсус, барои тайёр намудани кадрҳои баландихтисос, амиқан омӯхтани фанҳои тахассусӣ, ташаккули тачриба ва малакаи эҷодии толибилмон, тайёр намудани мутахассисон ва ходимони илмӣ ва таъмини самаранокии таълими ҳамагони арзишманд хоҳад буд. Мақсад аз омӯхтани фанни «Робитаҳои адабӣ ва назарияи тарҷума» барои донишчӯёни факултаи филологияи тоҷики мактабҳои олии Ӯзбекистон иборат аз он аст, ки толибилмон бояд бо таърихи равобити адабииточику ӯзбек амиқ шиносо гарданд, дар бораи қонуниятҳои равобити адабӣ, шаклу навъҳои он маълумот дошта, дар ҳаёт оиди дӯстии адабиётҳо – дӯстии халқҳо малакаи муайянро соҳиб бошанд.

Ба мутахассисон-филологҳои тоҷик, ки дар қаламрави Ӯзбекистон бо кори тадрису тадқиқи илмӣ машғуланд, дар бораи масъалаҳои назарии робитаи адабӣ маълумот додан, бо таърихи равобити байниҳамдигарии адабиётҳоямон, масъалаҳои таъсири адабӣ ва самараҳои пурфайзи алоқаҳои адабиамон шинос намудан; дар асоси ҳодисаҳои пурфайзи адабӣ мавқеи дӯстии адабии халқамонро дар таърихи тамаддуни чаҳонӣ донистан; беҳтарин асарҳои адабии мумтозу муосирро мутолиа ва таҳлилу тадқиқ намудан; мавқеи робитаи адабиро дар ташаккули тафаккури истиқлоли миллии мардуми Ӯзбекистон дар мисоли асарҳои барчастаи бадеии халқҳои тоҷику ӯзбек муайян намудан. Дар раванди таълими «Робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек» ба дарачаи омӯзиши он аз чониби олимони тоҷик, дохил шудани масъалаҳои зарурии ин фан дар барномаҳои таълими адабиёти мактабҳои тоҷикӣ эътибор дода хоҳад шуд.

## II. ҚИСМАТИ АСОСИИ НАЗАРӢ (машғулотҳои маърузавӣ)

**II.I. Ба таркиби фан мавзӯъҳои мазкур дохил мешавад:**

**Мавзӯи 1. Робитаи адабӣ – омили пешрафти адабиётҳо. 4 соат**

Бидуни робитаи адабӣ инкишоф ёфта натавонистани ҳеч як адабиёти

руи замин. Омилҳои асосии робитаи адабии халқҳо. Шаклу воситаҳои робитаи адабӣ. Таъсири адабӣ ва шаклу роҳҳои он.

Таърихи қадима доштани дӯстӣ ва ҳамкории эҷодии халқҳои тоҷик ва ӯзбек. Муштаракии эътиқод, психологияву чаҳонбинӣ ва тафаккури бадеии ин халқҳо. Зарурияти омӯхтани равобити адабии тоҷик ва ӯзбек.

**Мавзӯи 2. Равобити адабии халқҳои тоҷик ва ӯзбек дар эҷодиёти даҳанакии халқ. 4 соат**

Наздикӣ ва ҳамоҳангии эҷодиёти даҳанакии халқҳои тоҷик ва ӯзбек. Мачмӯаи афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳо, латифа – маҳсули тафаккури бадеии ин  халқҳо. Вариантҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии «Алпомиш» ва «Гӯрӯғлӣ». Мавқеи насри ривоятӣ дар равобити адабии тоҷик ва ӯзбек: «Самаки айёр», «Абӯмуслимнома», «Чор дарвеш», «Саргузашти Ҳотами Той ва ғ. Аҳамияти насри ривоятӣ дар ташаккул ва таҳаввули тафаккури бадеии халқҳои тоҷик ва ӯзбек.

**Мавзӯи 3. Равобити адабии тоҷику ӯзбек дар асрҳои Х-Х1У. 2 соат**

Таъсири намояндагони адабиёти классикии форсу тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Сино, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Хайём ба тамоми назми Шарқи Миёна, ба хусус назми ӯзбек. Дар навбати худ бебаҳра намондани эҷодиёти онҳо аз беҳтарин анъанаҳои адабиёти халқҳои ҳамсоя, аз чумла адабиёти ӯзбек. Ҳамоҳангии «Қутадғу билик»-и Юсуф Хос Ҳочиб ва «Ҳикматҳо»-и Аҳмади Яссавӣ бо асарҳои адибони ҳамдаври тоҷик «Муҳаббатнома»-и (1353) Хоразмӣ – асари ба ду забон таълифшуда. Адибони дигари дузабонаи асрхои Х111-Х1У-и ӯзбеку тоҷик.

**Мавзӯи 4. Равобити адабии тоҷику ӯзбек дар асри ХУ. 2 соат**

Шоирони дузабона Атой, Саккокӣ, Лутфӣ, Гадой – тарбиятгарони мактаби шеъри форсӣ. Пайравӣ ва назираи онҳо ба ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хучандӣ. Эътрофи таъсири адабиёти форсу тоҷик ҳеч гоҳ надоштани маънои инкори мустақилияти назми қадимаи ӯзбек.

**Мавзӯи 5. Алишер Навой ва адабиёти тоҷик. 2 соат**

Дар заминаи боигариҳои адабӣ, маънавӣ ва фалсафии халқи тоҷик ташаккул ва такомул ёфтани тафаккури бадеии Навой. Анъанаҳои назми форсӣ-тоҷикӣ, системаи образҳо дар «Девони Фонӣ». Тататббҳоти Навой ба ашъори Ҳофиз. Навой ва анъанаи хамсанависӣ. Омехта шудани анъанаҳои устувору пешқадами назми форсу тоҷик бо хусусиятҳои миллии адабиёти ӯзбек дар «Хамса»-и Навой. Абдураҳмон Чомӣ ва Алишер Навой.

**Мавзӯи 6. Равобити адабии тоҷик ва ӯзбек дар асрҳои ХУ1-Х1Х. 2 соат**

Анъанаи ёддоштнависии форсу тоҷик ва «Бобурнома»-и Заҳириддин Муҳаммад Бобур. Тарчимаи асарҳои классикони форсу тоҷик дар муҳити адабии Бухоро, Қӯқанд, Хучанди асрҳои ХУШ-Х1Х. Гулханӣ, Махмур, Ҳозиқ, Маъдан, Муқимӣ, Фурқат, Дилшоди Барно, Нодира ва анъанаҳои адабиёти халқҳои тоҷику ӯзбек.

**Мавзӯи 7. Равобити адабии тоҷик ва ӯзбек дар нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ. 2 соат**

Ҳаёти ичтимой-сиёсии ин марҳалаи таърихӣ ва таъсири он ба равобити

| | |
|---|---|
| | адабии тоҷику ўзбек. Маърифатпарварони ибтидои асри XX: Беҳбудй, Ачзй, Васлй, Ҳочй Муин, Абдулғанй Чавдат ва дигарон. Зуллисонанйнй дар адабиёти ин давр.<br>Мавқеи матбуоти давр дар инкишофи адабиёти бадей.<br>**Мавзўи 8. Робитаҳои адабии тоҷику ўзбек дар солҳои бистум ва сиюми садаи XX. 2 соат**<br>Пайдоиши жанрҳои повест, роман, дра Дастуруламал оид ба чамъ кардани эҷодиёти даҳонакии халқ. – Сталинобод, 1960ма дар адабиёти тоҷику ўзбек. Айнй ва адабиёти ўзбек. Ҳамза ва драматургияи тоҷику ўзбек. Абдулло Қодирй ва романнависии тоҷику ўзбек. Абдулло Қодирй ва романнависии тоҷику ўзбек. Дўстии самимона ва ҳамкории адибон Лоҳутй, Ғ.Ғулом, Ойбек, М.Турсунзода, А.Қаҳҳор, Ҳ.Олимчон, Ф.Ниёзй, Р.Чалил. Тарҷумаа ва мутолиаи асарҳо, фаъолияти дузабонй, офаридани шеърҳои «ширу шакар», ташкили бригадаҳои эҷодии якчоя дар иншоотҳои калон – шаклу воситаҳои равобити адабии ин давр.<br>**Мавзўи 9. Равобити адабии тоҷику ўзбек дар нимаи дуюми садаи XX. 2 соат**<br>Ба эътибори гуногунии мавзўъ ва мундариҷаи ғоявй бою рангин гаштани адабиётҳои тоҷик ва ўзбек. Мавқеи муносибати шахсию ҳамкории эҷодй ва тарчимаи бадей дар равобити адабии ин давр. Сафарҳои эҷодии адибон ба диёри якдигар, иштирок дар мачлису съезд ва чашнҳои адибон, ҳафтаву даҳаҳои адабиёту санъат, сўҳбату мулоқотҳои эҷодй – шаклу тарзҳои муҳими равобити адабии ин давр.<br>**Мавзўи 10. Равобити адабии тоҷик ва ўзбек дар замони истиқлоли миллй. 2 соат**<br>Роли адабиёти бадей дар талқини ғояи истиқлоли миллй. Масъалаи мустақилии миллии адабиёти халқҳои тоҷику ўзбек ва таъсири байниякдигарии он. Саҳми адабиётҳои тоҷик ва ўзбек дар пойдору ғанй намудани неъматҳои истиқлоли миллй. Дар солҳои охир аз нав ба мароми некбинона даромадани равобити адабии тоҷик ва ўзбек. Роҳбарии хирадмандона ва дурандешонаи Президентони Ўзбекистон ва Тоҷикистон – И.А.Каримов ва Э.Р. Раҳмонов дар масъалаи солиму дуруст ба роҳ мондани робитаҳои адабй.<br>**Мавзўи 11.** Робитаҳои адабии тоҷик ва халқҳои Осиёи Марказӣ. Робитаҳои адабии тоҷику қазоқ. Робитаҳои адабии тоҷику қирғиз. Робитаҳои адабии тоҷику туркман. **2 соат**<br>**Мавзўи 12.** Робитаҳои адабии тоҷику Рус. Таъсири байниҳамдигарии адабиёти тоҷику рус. Пушкин ва адабиёти форсу тоҷик. Толстой ва адабиёти тоҷик. Адабиёти давраи нав ва таъсирпазирии адабиёти ин халқҳо аз ҳамдигар. **2 соат**<br>**Мавзўи 13. Таърихи адабиёти ҷаҳон ва масъалаҳои робитаҳои адабӣ. 4 соат**<br>Ҳамоҳангӣ дар эпосҳои халқҳои ҷаҳон ва адабиёти тоҷик. Сужетҳои сайёр ва аҳамияти онҳо дар таърихи ташаккули адабиёти тоҷик. Ҳамоҳангӣ ва |

хусусиятҳои типологии адабиёти халқҳои ҷаҳон ва адабиёти форсу тоҷик. Гёте ва адабиёти форсу тоҷик. Волтер ва адабиёти тоҷик. Таҳқиқи адабиёти халқҳои ҷаҳон дар осори адабиётшиносони тоҷик. Оғози тарҷумаҳои бадеӣ аз намунаҳои адабиёти халқҳои ҷаҳон.

**Мавзӯи 14. Тарҷума ва асосҳои назарии он. Ҳамкории фарҳангӣ ва илмӣ ва тарҷума 4 соат**

Ҳисси ҳувияти миллӣ ва ҳамбастагии байналмилалӣ. Мактаби Мароға ва Николай Коперник. Дар хадамоти ҳамкории илмӣ ва рушди ин соҳа. Мактабҳои тарҷумаи Бағдод ва Толедо. Алоқа - тарҷума - таъсир. Тарҷума, масъалаҳои истилоҳот ва этимология. Ибни Сино ва Гегел. Берунӣ ва Нютон.

**Мавзӯи 15. Алоқаи адабӣ ва тарҷумаи адабӣ. 2 соат**

Тарҷумаи адабӣ ва анъанаи адабӣ. Таҷрибаҳои "табдил"-и жанрҳои адабӣ.

**Мавзӯи 16. Сабақҳои таърихи тарҷума. 2 соат**

Ворисияти принципҳои назариявӣ. Алишер Навоий ва Кристофер Армани. Ҳофиз ва Гиёте. Умумияти адабӣ ва муқоисаи типологӣ. Гармонияи идеяҳои инсондустӣ ва озодӣ дар адабиёти миллӣ).

**Мавзӯи 17. Усули тарҷумаи адабӣ. 2 соат.**

Тафсири тарҷумонӣ-типологӣ ва татбиқи услуб. Қабатҳои лексикӣ-экспрессии забон ва тарҷума. Додани тасвир тавассути тасвир. Аналогияи анъанавӣ-забонӣ ва индивидуалӣ-методӣ. Сабабҳои хоси услуб дар жанрҳои гуногуни адабӣ.

**Мавзӯи 18. Мушкилоти ифодаи мазмуну мундариҷаи колорити миллӣ дар тарҷума. 4 соат**

Калом, мусиқӣ, ҳаракат ва ранг ва мутобиқати он дар тарҷума. Миллият дар тарҷумаи адабӣ. Тасвири психологӣ ва ҷузъиёт. Характери юмористӣ дар тарҷумаи адабӣ. Тарҷумаи ҳаҷвӣ дар асоси носозгории маъноӣ (рӯҳӣ). Тарҷумаи зарбулмасал, масал ва идеомаҳо. Тарчумаи калимаҳои ҳикматнок (афоризмҳо).

**Мавзӯи 19. Ҳувияти методологӣ-миллӣ ва услубшиносӣ. (Принсипҳои мутобиқшавии миллӣ) 4 соат**

Талабот ба соддагӣ дар сатҳи аслӣ. Услуби муаллиф ва тарҷумон. Ду навъи назарияи гуногунии субъективизм. Ду нуқтаи назари гуногун оид ба принсипи стилизатсия. Возеҳият ва асрор, мураккабӣ ва соддагӣ дар тарқума. Мутобиқсозии методологӣ. Пародия. Синтаксис ва тарҷума. Семантика, синонимия, идиоматика ва истилоҳот дар мутобиқсозии методологӣ

**Мавзӯи 20. Трансформатсияи вазн ва экваритмия дар тарҷума. 4 соат**

Вазн ва қофия. Эуфония дар тарҷумаи шоирона. Аз арӯзи классикӣ - ба системаи ҳиҷоӣ гузаштан. Инъикоси ҳуввияти миллӣ дар вазн. Умумияти анъанавию поэтикӣ, арӯз ва тарҷума. Рухи миллӣ, вазн ва луғат дар тарҷумаи шеърӣ). Баҳси тарҷумонӣ дар ҳамкории адабии тоҷику ӯзбек. Ваҳдати шакл ва мазмун дар тарҷумаи ғазалиёти Ҳофиз. Тарҷумаи ғазали «Агар он турки Шерозӣ». Усулҳои тарҷумаи ғазал ва усулҳои таҳлил. Тарҷума ва масъалаи татбиқ.

**III. Тавсия ва нишондодҳо оиди машғулоти амалӣ**

| | |
|---|---|
| | Мавзўъҳои машғулоти амалӣ ва семинарӣ аз рўи фанни мазкур дар қарори зайл аст:<br>1. Муштаракии мавзўъҳои достонҳои халқии «Алпомиш», Гўруғли»-и ўзбеку тоҷик.<br>2. Татаббҳоти Навой бар ғазалиёти Ҳофиз.<br>3. Таҳлили қиёсии достонҳои Низомии Ганҷавй ва Алишер Навой.<br>4. Зуллисонайнй дар муҳити адабии Қўқанди асрҳои ХУШ-Х1Х (Нодира, Дилшоди Барно, Увайсй ва ғ.)<br>5. Дўстй ва ҳамкории эҷодии М.Турсунзода ва Ғ.Ғулом. Абдулло Қодирй ва романнависии тоҷику ўзбек.<br>6. Ҳамоҳангии мавзўъҳо дар насри таърихии тоҷику ўзбек.<br>7. Асарҳои тарҷумааиҳолй дар адабиёти тоҷику ўзбек.<br>8. Тоҷикистон дар ситоиши шоирони садаи ХХ ўзбек.<br>9. Робитаҳои адабии тоҷику ўзбек дар замони мо.<br>10. Ҳамоҳангии мавзўъ ва мундариҷаи ғоявии афсона, достонҳо ва латифаҳои халқии тоҷику ўзбек.<br>Машғулотҳои амалӣ дар аудиторияи бо воситаҳои мултимедӣ ҷиҳозноккунонидашуда ба як гурўҳи академикӣ аз тарафи як муаллим бояд гузаронида шавад. Машғулотҳоро бо ёрдами усули фаъол ва интерфактив ба роҳ мондан, инчунин аз технологияҳои педагогӣ ва ахборотӣ самаранок истифода намудан ба мақсад мувофиқ аст.<br>**IV. Таълими мустақилона ва корҳои мустақилона**<br>Аз рўи фанни мазкур мавзўъҳои зерин пешниҳод карда мешавад:<br>1. Алишер Навой ва адабиёти тоҷик.<br>2. Абдураҳмони Ҷомй ва адабиёти ўзбек.<br>3. Анъанаи зуллисонайнй дар адабиёти асри ХУ ўзбек ва тоҷик.<br>4. Ҳамза Ҳакимзода ва адабиёти тоҷик.<br>5. Садриддин Айнй ва адабиёти ўзбек.<br>6. Саидаҳмади Аҷзй – шоири зуллисонайн.<br>7. Маҳмудхоҷаи Беҳбудй ва драматургияи тоҷику ўзбек.<br>8. Муштаракии интихоби мавзўъ дар насри муосири тоҷику ўзбек.<br>9. «Ширу шакар» дар адабиёти ўзбек ва тоҷик.<br>10. Садриддин Айнй ва Ҳамза Ҳакимзода.<br>11. Ҷалол Икромй ва адабиёти ўзбек.<br>12. Абулқосим Лоҳутй ва адабиёти ўзбек.<br>13. Фотеҳ Ниёзй ва адабиёти ўзбек.<br>14. Ўзбекистон дар ситоиши шоирони садаи ХХ ўзбек.<br>15. С.Айнй – адиби зуллисонайн. М.Турсунзода – тарҷумон (дар асоси тарҷумаи «Таронаи Кашмир»-и Ш.Рашидов).<br>16. Дўстии бародарона ва ҳамкории эҷодии Ғ.Ғулом ва Р.Ҷалил, Ҷ.Икромй ва А.Қаҳҳор.<br>Аз рўи мавзўъҳои мустақилона ба донишҷўён навиштани реферат ва гузаронидани тақдимот тавсия карда мешавад. |

| | |
|---|---|
| 3 | **V. Натиҷаҳои омӯзонидани фан (компетенцияҳои ташаккулёбанда)**<br>Донишҷӯ дар натиҷаи азхудкунии фан:<br>Дар асоси таълими фанни мазкур донишчӯ бояд:<br><br>дар бораи робитаҳои адабӣ ва шаклу навъҳои он; мақоми робитаҳои адаби дар инкишофи ҳаёти маданй-адабй; моҳияти афкори назарии адабии мутафаккирони Шарқ дар ташаккули робитаҳои адабӣ ва маънавияти хонандагон; мақоми асарҳои бадеии аз чиҳати назарӣ баркамол дар тарбияи инсони комил; робитаи адабӣ- омили пешрафти адабиётҳо *ба тасаввуроти муайян соҳиб бошад:*<br><br>Дар асоси таълими фанни мазкур донишчӯ дар бораи: қонуни умумии пешрафти адабиёт будани робитаи адабӣ, мавқеи калон доштани масъалаҳои назарии таъсири адабӣ ва пайравӣ, шаклу навъҳои равобити адабии тоҷику ӯзбек, бобати омили муҳим будани алоқаҳои адабӣ ва таъсири адабӣ *ба маълумоти назарӣ соҳиб бошад:*<br><br>Донишчӯ аз рӯи омӯзиши ин фан бояд донишҳои назарии аз рӯи фанни мазкур ҳосилкардаи худро амалан бисанчад, дар бораи муайян кардани масъалаҳои зуллисонайнӣ, таъсири адабӣ ва шаклҳои он, алоқаҳои адабии ду халқ дар давру замонҳои мухталиф маълумоти зарурӣ дошта бошад ва *онро дар амал тадбиқ карда тавонад:*<br><br>Дар чараёни таълими фанни мазкур донишчӯ бояд дар бораи таъсири мутақобили ду адабиёт, омилҳои пешбарандаи раванди адабӣ дар ду адабиёт, хусусиятҳои типологии ду адабиёт, муайян кардани чиҳатҳои ибратбахши саҳифаҳои таърихи адабиёти тоҷику ӯзбек *ба малака ва маҳорати муайян соҳиб бошад:*<br><br>Дар асоси таълими фанни мазкур донишчӯ таҳлили қиёсиву типологии осори адабии халқҳои гуногун дар шакли комилу пурра анчом дода тавонад, дар чодаи тадбиқи масъалаҳои муҳимтарини алоқаи адабӣ, муайян кардани рафоқат ва дӯстии вакилони ду адабиёт, ҳангоми мутолиаи асари бадей дар бораи таъсири адабии ин ё он адабиёт ба хулосаҳои амиқ омада тавонад ва дар ин хусус *ба таҷрибаҳои муайян соҳиб гардад.* |
| 4 | **VI.** Методҳо ва технологияҳои таълим:<br>• маърузаҳо<br>• кейс-стадиҳои интерфаъол;<br>• семинар (мантиқан фикр кардан, саволу ҷавоби тезкор);<br>• машғулоти амалӣ;<br>• бо гурӯҳҳо кор кардан;<br>• тақдимот намудан;<br>• лоиҳаҳои индивидуалӣ;<br>• ассисментҳо; |

| | |
|---|---|
| | • лоиҳаҳо барои ҳимоя кардан ва бо ҷамоа кор кардан. |
| 5 | **VII. Талабот барои гирифтани кредитҳо:**<br>Пурра аз худ намудани мафҳумҳои назарӣ ва амалии фан, дуруст баррасӣ намудани натиҷаҳои таҳлил, иҷро намудани супориш ва вазифаҳо дар шаклҳои назорати ҷорӣ, марравӣ ва мушоҳидаҳои мустақилона доир ба ҷараёни омӯзиш, аз рӯи назорати ниҳоӣ супоридани кори хаттӣ. |
| 6 | ***Адабиёти асосӣ ва васоити таълимӣ***<br>1. Самад В. Пайвандҳои адабӣ чун омили муҳими инкишофи адабиёт. – Душанбе: Ирфон, 1976-22с.<br>2. Самад В. Тӯшаи ҳамдилӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 208с.<br>3. Шодиқулов Ҳ., Давронов А. Пайвандҳои адабии халқи тоҷик: Назаре ба таърихи ташаккули мактаби тарҷумаи бадей ва пайвандҳои адабии тоҷик. – Душанбе, 2003. – 122с.<br>4. Самадов А. Ўзбек-тожик адабиёти: ўзаро алоқалар, ўзаро таъсир.-Тошкент: Ўзбекистон, 1990.<br>5. Саломов Ғ. Асосҳои назарияи тарҷума. -Тошкент: Ўқитувчи, 1983<br>***Адабиёти иловагӣ***<br>1. Афсаҳзод А. Пайванди қарнҳо. – Душанбе: Адиб, 1989. – 240с.<br>2. Бақозода Ч. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар насри тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 143с.<br>3. Давронов А. Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1994.<br>4. Давронов А. Адабиёт ва замон. Масъалаҳои равобити адабӣ ва тарҷумаи бадей. – Душанбе, 1996.<br>5. Мусулмонқулов Р. Дарахти дӯстӣ биншон (Маҷмӯаи мақолаҳо). – Душанбе: Адиб, 1987. – 240с.<br>6. Мухтор Шокир. Замон ва тарҷумаон. – Душанбе: Адиб, 1989. – 208с.<br>6. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик. – Душанбе, 1981.<br>7. Сайфуллоев А. Дӯстии халқҳо – дӯстии адабиётҳо. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 224с.<br>8. Самадов А. Дўстлик қуёши сўнмас.- Тошкент: Ўзбекистон, 1989.<br>7. Самадов А.Халқлар дўстлиги адабётлар дўстлиги . Самарқанд: СамДУ, 1990<br>**Манбаъҳои ахборӣ:**<br>1. www.ZiyoNet.uz<br>2. http://www.skachatreferat.ru/<br>3. tg.wikipedia.org›Абдурахмон Ҷомӣ<br>4. http://yandex.ru/Адабиёти+тоҷик&clid<br>5. http://dic.academic.ru/<br>**6.** http://ru.wikipedia.org/wiki/модернизм... |
| 7 | Дастури фан “___” ____________ соли 20___ таҳти баённомаи рақами |

| | |
|---|---|
| | №___ дар шӯрои таълимӣ-услубии Донишгоҳи давлатии Самарқанд маъқул карда шудааст. |
| 8 | **Масъулон ба фан/модул:** С.Хӯҷақулов – номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДДС |
| 9 | **Муқарризон:**<br>Ҷ.Ҳамроев - доктори фанҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи хориҷӣ ДДС (дохила)<br>Д.Бабаева - номзади фанҳои филологӣ, дотсенти ДТС (беруна) |